**Абӯлаъло Мавдудӣ**

# Хоҳарам!!

**Мутарҷим:**

Муҳаммад Наим Халилӣ

**Ин китоб аз сайти китобхонаи “Ақида” донлуд шудааст**

**www.aqeedeh.com**

## Адреси мо:

Book@aqeedeh.com

Nikzad@jahanislam.com

## Сайтҳои муфид

- book@aqeedeh.com
- www.sadaislam.com
- www.bidary.net
- www.farsi.sunnionline.us
- www.mohtadeen.com
- www.islam411.com
- www.ahlesonnat.com
- www.isl.org.uk
- www.blestfamily.com
- www.islamage.com
- www.islampp.com
- www.nourtv.net
- www.islamhouse.com
- www.tabesh.net
- www.sunni-news.net
- www.ijtehadat.com
- www.aqeedeh.com
- www.islamtxt.com
- www.islamtape.com
- www.islamworldnews.com
- www.islamwebpedia.com
- www.videofarda.com

# بسم الله الرحمن الرحيم

## Муқаддимаи ношир

**Хоҳари мусалмонам!**

Имрӯз шояд нидоҳои зиёде ба гушат бирасад, ки хоҳони баргардонани ҳуқуқат мебошанд ва мехоҳанд туро аз зери юғи ба истилоҳ “мардсолорӣ” ва зулме, ки дар тӯли таърих ба ту шуда, наҷот диҳанд. Ту худат тамошогар бошӣ ва дигарон бароят косаи доғтар аз ош ва ҳар он чӣ медӯзанд ва мебофанд, бидуни тафаккур онро бар тан кунӣ.

Вале сухбати мо инҷост, ки оё мақомат ин чунин аст, ки касоне, ки худ даъво мекунанд, ки ҳамеша ба ту зулм раво доштаанд, ҳоло даъвои баргардондани ҳуқуқи талафшудаатро бикунанд ва ту боз ҳам назорагар бошӣ.

На! ҳар гиз чунин нест ва набояд бошад. Ҷойгоҳат болотар аз онаст, ки мавриди суистифодаи фикрии дигарон қарор бигирӣ ва дар мунозараат ҷирахори суфраи тафаккури дигарон бошӣ.

Китобе, ки акнун дар даст дорӣ, рисолататро дар зиндагӣ ба тасвир мекашад, то ба худо ои ва каромататро дарёбӣ, ба унвони унсури ҷомеасоз накш адо намоӣ ва бо иззату сарбаландӣ дар канори хонаводаат ҳаёти ҳадафмандона дошта бошӣ. Домҳои душманонро, ки дар каминат мебошанд, ташхис диҳӣ ва дар хунсо сохтани кайди душман ҷуҳд ба харҷ диҳӣ, ба унвони инсоне, ки дунёро зироатгоҳи охираташ мешиносад, қадам ба пеш гузошта, дар поксозии ҷомеаат аз ҳар нопокие бикушӣ.

**Хоҳарам!**

Имрӯз рисолати бас бузург бар дӯшаш мебошад, ки иборат аст аз пешкаши улгуи аҳсан барои тамоми занони ҷаҳон, то возеҳан бубинанд, ки равишҳои ғарбие, ки дар ҳоли таҷрибаи он мебошанд, даъвое беш набуда ва на танҳо ишонро ба ҳуқуқашон намерасонад, балки ишонро рӯз ба рӯз бештар мавриди истисмори ҷомеа қарор медиҳад ва ҳастанд заноне, ки зери таъсири ин даъво қарор гирифта ва мудофеи адолат, мусовот ва ҳуқуқи зан ба ранги ғарбии он мешаванд ва инҷост, ки масъулиятат сангинтар мешавад ва бояд сахт дар муқобили ин даъвоҳои пӯч ва табоҳкун ва ин занони фиребхурда биистӣ ва зан ва ҳуқуқу масъулияташро бар асоси хилқату фитраташ таърифу шарҳ намоӣ ва мутмаинан талоши ту дар ин замина таъсире хоҳад дошт, ки талошу кушиши бародарони мусалмонат дар ин росто як даҳуми онро ҳам нахоҳад дошт.

Ба умеди рӯзе, ки ҷомеаи комилан исломӣ ва пок аз лавси ҳаргуна ҷаҳлу ҷоҳилият дошта бошем.

**Бахши фарҳангӣ ва нашароти Ҷамъяити Ислоҳ ва Инкишофи иҷмтимои Афғонистон**

بسم الله الرحمن الرحيم

**Хоҳарам!**

Даъвати мо барои мусалмон инаст, ки Исломро хуб бидонад ва онро донишмандона биёзмояд ва файсала намояд, ки оё онро ба ҳайси дину ойини зиндагӣ қабул доранд ё на?

Ислом матое нест, ки ба мирос бурда шавад ва аз наслу насаби мушаххасе ба даст ояд. Биноан шоиста аст, ки ҳар як мусалмон як бор ин суолро бо нафси худ дар  миён гузорад, оқилона бияндешад, ки оё Исломро ба ризо ва рағбати хеш пазируфтааст, ё онро монанди русум ва ривоҷҳои иҷтимоии дигар аз падарону ниёгони худ омухтааст?

**Хоҳар ва бародари мусалмонам!**

Оё гардан ниҳоданатон ба аҳком ва илтизомоти Ислом бархоста аз қаноати қалбиатон аст? Агар чунин нест, бояд ба мусламон буданатон исрор наварзед ва роҳи худро аз мусалмонон ҷудо созед ва худро порае аз ҷомеаи исломӣ надонед, зеро ин як равиши мунофиқонааст, ки аз Ислом чизеро мепазиред, ки мутобиқи хоҳишоти нафсониатон бошад ва агар бо ҳаво ва хоҳишоти нафсониатон мутботиқат надошта бошад, ба он амал наменамоед ва аз он инкор меварзед.

Ин кор дар ҳақиқат нафспарастӣ ва хоҳишпарастист, на худопарастӣ ва диндорӣ ва анҷоми чунин амале ба як инсони шариф ва оқил намезебад. Дуруст нест, ки ба номи Ислом аз ҷомеаи мусалмонон ҳуқуқи худро биталабед, дар ҳоле, ки

омодаи адо намудани воҷиботи он набошед. Биноан агар Исломро ба ҳайси дини ҳақ ва барномаи зиндагиатон қабул доред, онро ба таври комил дар зиндагиатон пиёда созед ва бидуни чуну чаро онро итоат кунед ва зиндагии худро дар дохили чавкот ва чаҳорчуби аҳкоми он аёр намоед, аз озодхаёлӣ, бебандуборӣ ва пайравии хоҳишоти нафст дӯрӣ гузинед.

Гар чӣ ин суханони мо танҳо мутаваҷҷеҳи қишри занони ҷомеа нест, балки марду зани мусалмонро ба сӯи он даъват менамоем, вале боз ҳам ба таври вижа мехоҳем сухане дошта бошем бо хоҳарони мусалмонамон, ононе, ки маҳрумтарин ва мазлумтарин қишри ҷомеаи моро ташкил медиҳанд ва ба номҳои гуногун аз онҳо истифода сурат мегирад.

**Хоҳари мусалмонам!**

Талош намо, ки шахсияти худро дар шахсияти мардон гуму нопадид нанамоӣ ва дини худро ба онҳо насупорӣ. Бидон ки зан дар Ислом шахсияти мустақил ва ҷудогонае дорад ва замимаи мард нест, рӯзе монанди мард дар баробари Худованди хеш қарор хоҳад гирифт ва ҳисобу китоби аъмолу афъоли хешро худ тасфия хоҳад намуд. Дар рӯзи қиёмат ҳар шахс аз қабри хеш бармехезад ва ҳеҷ кас аз қабри падару модар, шавҳару бародари худ барнамехезад. Зан наметавонад бигуяд, ки ҳисобу китоби манро бо мардон тасфия намоед ва дар мавриди дини ман аз онҳо бипурсед.

**Хоҳарам!**

Худат масъулияти ихтиёри роҳу равиши зиндагиатро дорӣ ва дар назди Худованд дар ин замина ҷаводбеҳ хоҳӣ буд.

Бар ҳамин асос мо бо хоҳари худ ин суолро матраҳ месозем ва ба вай мегӯем, ки файсалаи ихтиёри роҳу равиши зиндагӣ ба дӯши худат аст. Бидуни дар назардошти файсалаи мардон бояд худат бингарӣ, ки оё  Исломро ба ҳайси ойини зиндагият мепазирӣ ва ё на? Оё ҳудуд, масъулиятҳо ва воҷиботи онро мепазирӣ ё на?

Агар Исломро бо ин ҳама пойбандиҳо аз таи дил қабул дорӣ ва ба пайравии он омода  ҳастӣ, таъаммул макун ва шакку тардидро дар нафсат ҷо мадеҳ ва бо ихлоси том ва ба шакли комил дар доираи Ислом дохил шав. Тамоми ҷанбаҳои зиндагиятро тобеи аҳкоми илоҳӣ бигардон, онгоҳ ба зудтарин фурсат хоҳӣ донист, ки роҳи ҳақ ва сироталмустақимро баргузидаӣ ва ба сӯи фалоҳу растагории дунё ва охират гом бардоштаӣ, зеро ҳақ равшаниест, ки ҳар андоза дар масири он пеш равӣ, равшантар мегардад.

**Хоҳари азизам!**

Бидон, ки агар пазируфтани Ислоб бароят як амри суннатӣ бошад ва аз аъмоқи қалбат ба он қонеъ нестӣ ва аҳкоми онро ба ҷо намеорӣ ва ё ҳам ба хотири ину он анҷом медиҳӣ, ин гуна Ислом бароят сӯде надорад ва ҷуз таклифу машаққат самарае

нахоҳад дошт, балки муҷиби азияти худу дигарон ва фасод дар ҷомеа хоҳӣ гашт.

**Хоҳарам!**

Ту ки Исломро ба ҳайси дину ойини зиндагии хеш пазируфтаӣ, он масъулиятат дар баробари хонавода, муҳит ва ҷомеа қарори зайл аст:

**1. Зиндагии хешро дар қолаби Ислом аёр намо**

Нахустин вазифаи як хоҳари мусалмон инаст, ки зиндагии рӯзмараи хешро дар қолаби Исломо баробар созад ва зара зараи ибодот, русум, ақоид ва равишҳои ҷоҳилонаро дар он ҷустуҷӯ намуда, дӯр бияфканад. Талош намояд, то истъедод ва тавоноиро ба даст оварад, ки дар равшании он ҳақро аз ботил ва Исломро аз ҷоҳилият ҷудо карда битавонад. Пас аз он зиндагии худро комилан тафтиш намуда, бо худ муҳосаба намояд ва тамоми осори ҷоҳилиятро аз он биздояд.

Хулоса ин, ки як хоҳари мусалмон бояд талош варзад, то ҳама умури зиндагии худро аъам аз ақоид, ахлоқ, кирдору аъмол тобеи дин созад ва дар зиндагии фардӣ ва иҷтимоии хеш пайрави аҳкоми худовандӣ бошад.

**2. Ҷаҳолатро аз хонаводаат дӯр соз**

Вазифаи дуввуми як хоҳари мусалмон инаст, ки фазои хона ва хонаводаи хешро тасфия намуда, онро дуруст намояд. Тамоми русуму ривоҷҳои ҷоҳилиятро аз он берун созад, хоҳ ин ҷоҳилият, ҷоҳилияти қадим бошад ва ё ҷоҳилияти ҷадиде, ки ба номи

тамаддун ва фарҳанги ғарбӣ дар хонаҳои мо рахна кардааст ва низоми хонаводаи моро бо хатарҳо ва чолишҳои мутаъаддиде таҳдид мекунад.

Шигифтовар аст, ки имрӯз хона ва фомили мо омоҷгоҳи ҷоҳилятҳои гуногун гаштааст ва таркиби аҷибе аз ҷоҳилияти қадиму ҷадид дар он вуҷуд дорад. Аз як тараф худро равшанфикр медонанд ва ин ҷиҳат дарвозаро бар рӯи фарҳанги ғарбӣ боз месозанд ва аз тарафи дигар бо вуҷуди равшанфикрияшон, ақоид ва русуми ҷоҳилона ва ғайриисломӣ дар ҷомеа решаи мустаҳкам дорад, ки нишонае аз ҷоҳилияти қадим ва мушрикона аст.

Ҳангоме, ки  хоҳарони мо масъулияти имонии худро эҳсос намоянд, бояд қадам ба пеш гузошта ва талош намоянд, ки ин гуна русуми ҷоҳилона ва ақоиди мушрикона ва ғайриисломиро аз хонаводахои худ барканананд ва онро дӯр бияканананд ва аз сӯи дигар бояд мутаваҷҷеҳи он бошанд, ки ҷоҳилияти ҷадид ба номҳои гуногун ба хонаводаашон рахна накунад ва аз тақлид ва пайравии куркуронаи фарҳанг ва култури ғарбӣ хонавода ва ҷомеаи худро дӯр нигаҳ доранд.

### 3. Қуръонро ба хонаат дохил намо

Саввумин гоме, ки як хоҳари мусалмон дар ин росто мениҳад, инаст, ки авлоди худро тарбияи исломӣ бидиҳад ва онҳоро ба одоб, ахлоқ ва равишҳои исломӣ бипарваронад. Чӣ ҷои  таъассуф аст, ки насли ҷадиди мо дар хонаҳое тарбият меёбанд, ки дар он асаре аз тиловати Қуръон нест, чашмашон ба шаклу ҳайати намоз намехурад ва аъзои хонаводаи худро дар ҳолати намозхонаӣ намебинанд.

Оре! ононе ба сӯи хушбахтӣ ва саодат ба пеш хоҳанд рафт, ки дар дохили хонаҳояшон тиловати Қуръонро бишнаванд, бузургони худро ҳамвора дар ҳолати адои намоз бингаранд ва дар чаҳор атрофи хеш осоре аз дину диндориро мушоҳида кунанд. Насли имрӯзаи мо, ки на тиловати Қуръонро мешунавад, на шаклу манзари намозро мушоҳида мекунанд ва на дар чаҳор атрофи хеш мазоҳир ва осори исломиро менигаранд, аз ишон чӣ таваққуе хоҳад буд?

Онҳо мебинанд, ки ҳамаи афроди ҷомеа, аъам аз марду зан, пиру ҷавон дар талоши беҳбуди вазъи модии зиндагии худанд ва дар ин роҳ ҳеҷ гуна қайду ҳудуд ва шартеро риоят намекунанд ва ҳеҷ гуна илтифоте ба дину диндорӣ надоранд, пас насле, ки дар ҳамчу фазо парвариш меёбад, чӣ тасаввур мекунед, ки оё дар онҳо ному нишоне аз Ислом ва саодати воқеӣ боқӣ хоҳад монд?

**Хоҳари азизам!**

Ин гуна ҳолатро дар фомил ва хонаводаат магзор ва талош намо, ки дар зиндагии фардӣ ва иҷтимоият мазоҳиру осори аҳкоми исломӣ падидор гардад.

Басо аз хоҳарони мо Қуръони Азимушаънро мехонанд ва тиловат мекунанд, вале мутаассифона намедонанд, ки Қуръони Азимушаън чӣ паёме барои онҳо дорад? ва аз ишон чӣ мехоҳад? Аз як сӯ оётеро, ки аз беҳаёӣ, беҳиҷобӣ ва ҳар гуна афъолу ақволи ҳаром боз медорад, тиловат мекунад ва аз сӯи дигар муртакиби ҳамон муҳаррамот мешавад.

Аз ин рӯ хоҳарони мо бояд бидонанд, ки ҳадаф ва мақсад аз тиловати Қуръон инаст, ки омӯзаҳо ва раҳнамоиҳои онро дар зиндагии худ татбиқ намоянд ва барои фарзандони хеш улгӯ бошанд, то онҳо намунаи муҷассами Исломро дар пеши рӯи худ

дарёбанд ва ба он иқтидо намоянд, паёми тавҳид ба гушҳояшон расида, Ислом бар дилҳояшон нақш бандад ва дар равиши он ҳама умури зиндагии худро дуруст намоянд, мақсади аслии ибодатро бидонанд ва ба ин гуна як пайкари мутаҳаррики Ислом бошанд.

### 4. Болои мардони хона асар бигзоред

Яке аз вазоифи хоҳари мусалмон инаст, ки дар умури динӣ, бар мардони хона таъсиргузор бошад. Падар, бародар, шавҳар ва фарзандони худро ба сӯи Ислом даъват кунад ва бо ишон дар пиёда намудани Ислом дар зиндагии фардӣ ва иҷтимоӣ ҳамкорӣ намоянд.

Намедонам, ки ин таъсир дар байни хоҳарони мо аз куҷо рахна кардааст, ки гӯё зан болои мард мутаассир шуда наметавонад, дар ҳоле, ки агар хоҳарони мусалмон бихоҳанд метавонанд бисёр ба осонӣ мардони хонаро дар зери таъсири худ бигзоранд. Агар хоҳарони мусалмони мо бигӯянд, ки шакли Муҳаммад (с) ва ҳазрати Абӯбакри Сиддиқ ва зоҳири исломиро меписандем ва шаклу қавораи Шоҳруххон ва ё Бӯшро дӯст надорем, дар муддати бисёр андаке дарёфт хоҳанд намуд, ки ҷавонони мо шакл ва модели худро тағйир хоҳанд дод.

Агар як хоҳари мусалмон бигӯяд, ки ман тарзи зиндагӣ ва култури ғарбиро дӯст надорам ва ба ҷои он равиши зиндагии исломиро меписандам, ки дар он намоз, рӯза, парҳезгорӣ ва тарс аз Худо намоён аст ва одобу ахлоқи исломии ҳоким, ҷавонони мо бисёр ба зӯдӣ модели зиндагии худро тағйир хоҳанд дод.

Агар як ҳамсари мусалмон ба шавҳараш бигӯяд, ки ман дар хонае, ки тавассути моли ҳаром ороста шуда бошад, зиндагӣ намекунам ва айшу ишратеро, ки ба пули ришват бошад,

намеписандам, балки он зиндагиеро дӯст дорам, ки аз роҳи ҳалол ба даст омада бошад, ҳар чанд як луқма нони хушт дар зери хайма бароям бирасад, шумо шоҳиди саҳнае хоҳед шуд, ки бештарин мафосиди роиҷ дар ҷомеа аз байн хоҳад рафт ва аз асбоби ҳаромхурӣ коста хоҳад шуд.

Ҳамчунон хоҳароне, ки Исломро ба ҳайси оини зиндагӣ пазируфатаанд, агар дар маврид ислоҳи ҷомеа қадам бардоранд, қабл аз ҳама метавонанд дар дохили фомил, хешовандон ва ақориби хеш, афроди зиёдеро аз ҳалокатҳои гуногун наҷот диҳанд ва онҳоро аз расму ривоҷҳои ҷоҳилияти қадиму ҷадид раҳоӣ бахшанд.

**Оре хоҳарам!**

Вазифаат аст, ки ба забони ширин ва лаҳҷаи нарми хеш дӯстон ва хешовандонатро аз тақсирот ва костаҳояшон огоҳ созӣ, аҳкоми исломиро барояшон таълим диҳӣ ва ишонро аз ҳудуд ва чавкотҳои динӣ бо хабар созӣ ва худат низ улгӯ бошӣ, то онҳо аз ту пайравӣ кунанд ва туро намунае аз Ислом дарёбанд ва имон дошта бош агар ин кор сурат бигирад, ҷомаеи мо гомҳои сареътаре ба сӯи ислоҳ ва некӣ хоҳад паймуд.

## 5. Аз рафтан ба роҳи нодуруст парҳез кун

**Хоҳари азизам!**

Агар ту воқеан Исломро пазируфтаӣ, дар баробари як суоли бисёр равшан қарор мегирӣ, ки бояд ба он посӯх бигӯӣ ва дар мавриди он файсала намоӣ. Суол инаст, ки оё ту дар пайравӣ аз ҷоҳилият ва саркашӣ аз Ислом бо мардони бадкор ҳамроҳӣ ва ҳамкорӣ менамоӣ ё на? Ман медонам, ки агар ту Исломро ба

ваҷҳи дурусти он пазируфта бошӣ, посухат мафнӣ хоҳад буд, зеро намехоҳӣ охирати хешро барои дунёи дигарон барбод созӣ. Набии Акрам (с) мефармояд: “ إن شر الناس يوم القيامة منزلة عبد أذهب آخرته لدنيا غيره”, яъне: “Ҳар оина бадтарини инсон дар рӯзи қиёмат бандаест, ки охирати худро ба хотири сохтани зебоии дунёи дигарон, барбод созад”.

Биноан ба хотири сохтан ва зебоии дунёи дигарон, охират ва анҷоми хештанро ба сӯи ҳалокат ва хусрон накашон ва ҳаргиз ба он омода нашав.

Ба ҳайси як зани мусалмон барои ҳамаи аъзои фолилат эълон намо, ки наметавонам дар умуре, ки мухолифи Ислом бошад, бо шумо ҳамкор бошам, таҷовуз ва саркашӣ аз аҳком ва ҳудуди исломиро таҳаммул карда наметавонам ва омода нестам охирати хешро барои дунёи дигарон вайрон созам.

## 6. Дар пайравӣ аз Ислом бо хешовандонат ҳамкор бош

**Хоҳари азизам!**

Агар ақорибу хешовандонат пайравии Аллоҳи Мутаъол ва Расули Ӯ ва зиндагии исломиро тарҷеҳ медиҳанд, дар ин маврид бо ишон ёрӣ намо ва дар таколифу машақатҳои он ишонро тасаллӣ деҳ ва ҳамвора дар тақвияти имони онҳо талош кун.

Шасхе, ки талош меварзад зиндагияш дар дохили чавкот ва ҳудуди исломӣ бигзарад, ҳаргиз омода намешавад, ки ба хотири ҳусули мол ва дорой аз роҳи ҳаром даст дароз кунад, он шахс ҳаромхуриро намеписандад ва молеро, ки аз роҳи ҳалол ба даст

овардааст, онро дар аёшӣ ба ҳадар намедиҳад. Аз ҳамин ҷиҳат як зани мусалмон бояд бар ҳалоли андак низ қаноат дошта бошад, падар, шавҳар, бародар ва авлодеро, ки мехоҳанд зиндагии исломиро ба сар баранд, зери фишор қарор надода, ба хотири айшу ишрат ва лаззати дунявӣ, аз роҳҳои номашрӯ мол камоӣ намоянд.

Ҳангоме, ки ин гуна мардон пайрави ҳақ бошанд ва ба хотири пирӯзии ҳақ бар ботил мубориза намоянд, шояд ба таклифу машақатҳои гуногуне мубтало шаванд, зани мусалмон дар баробари ин гуна мардон мукаллафият дорад, то ишонро дар таҳаммули ин гуна таколиф ёрӣ намояд ва боиси оромиши хотир ва итминони онҳо гардад.

**Тақозои вақт**

Мо масъулияти як барномаи бузургеро бар дӯш дорем, ин барнома иборат аст аз: талош ба хотири татбиқ ва пиёда намудани низоми исломӣ дар Афғонистон (Тоҷикистон) аст. Ин кор аз мо мехоҳад то талоши бештарро ба харҷ диҳем ва таклифҳои фаровонеро таҳаммул шавем, зеро ҷавонони мо бар як дуроҳае қарор доранд ва дар як кашмакаш ба сар мебаранд ва намедонанд, ки кадом равиши зиндагиро интихоб намоем ва кадом низомро баргузинанд.

Шумо менигаред, ки дар ҷомеаи мо иддае аз мудаиёни Ислом вуҷуд доранд, ки Исломро аз падарону ниёгони хеш ба мирос гирифтаанд, вале ҳозир нестанд, ки онро ба ҳайси барномаи зиндагӣ бипазиранд. Онҳо ба номи Ислом аз ҷомеаи исломӣ тақозои ҳуқуқи худро доранд, вале илтизомот, воҷибот

ва пойбандиҳоеро, ки Ислом болояшон мениҳад, намепазиранд ва аз он саркашӣ менамоянд ва худро аз ин қайдҳо озоду раҳо тасаввур мекунанд ва мехоҳанд, ки низом ва мамлакати мо низ аз ҳудуд ва чавкотҳои исломӣ пои худро фаротар ниҳад ва ба номи озодӣ ва ҳурият, дар ҳақиқат як низоми куфрӣ ва қавонини кофиронаро бар онҳо мусаллат созанд. Дар ин маврид на танҳо орзӯ доранд, балки ба таври амалӣ дар ин барнома саҳмгирӣ менамоянд.

Дар баробари ин тоифа, гуруҳе вуҷуд дорад, ки Исломро ба ҳайси барномаи зиндагии худ пазируфтаанд ва ба он қонеъ ҳастанд ва хоҳиш доранд то низом ва ҳукуматро бар асоси он поягузорӣ намоянд ва қонуну низоми исломӣ дар ҷомеа пиёда шавад.

Дар ин кашмакаш ба гунае, ки мардон мукаллафанд, то яке аз ин ду роҳро интихоб намоянд, хоҳарони мо низ ин мукаллафиятро доранд. Ҳама бояд тасмим бигиранд, ки оё куфри исломнаморо бипазиранд ва ё дар ҷабҳаи Исломи ҳақиқӣ қарор мегиранд?

Хоҳарони мо бояд ҳассос будани шароиши имрӯза ва ҷараёноти миллӣ ва байналмилалиро амиқан дарк намоянд ва дар қиболи он сокит набошанд ва бидонанд, ки дар як сангари муҳим қарор доранд ва бояд аз мавзеи он дифо намоянд.

**Арзиши орои мардум дар низом**

**Хоҳари азизам!**

Бояд бидонӣ, ки раъй ва назари мардум дар низоми имрӯзаи мо арзиш дорад, биноан агар мардум бихоҳанд, ки воқеан ба шакли як мусалмон зист кунанд, Худовандро ҳоким ва молики воқеии худ бидонанд, Исломро ба ҳайси роҳу равиши зиндагии хеш интихоб намоянд, ин амали ишон бар низому ҳукумат асар меафканад.

Ба ибораи дигар агар бихоҳем, ки низом ва ҳукуқмати исломиро ҳоким созем, ҷуз ин роҳ мумкин нест. Маънои калимаи “Тайба” ҳамин аст, ки мусалмон бояд Худовандро ба ҳайси молик, ҳоким ва Парвардигори худ бидонад ва Исломро ба ҳайси равиши зиндагии худ интихоб намояд. Биноан мову шумо ва ҳамаи миллати мусалмони мо бояд бори дигар ин калимаро такрор намоем, муқтазаёти онро бидонем ва ба он амал намоем ва ба ин гуна низом ва барнома Исломро ба ризову рағбати хеш барои зиндагии худ баргузинем.

## Ислом ва ҳуқуқи зан

Дар ҷомеаи мо тасаввуроти нодурусте пиромуни низоми исломӣ вуҷуд дорад ва ҳама рӯза аз тарафи ҷиҳатҳои мутаъадид ба он доман зада мешавад. Иддае мепиндоранд, ки агар низоми исломӣ ҳоким шавад, дар натиҷа ақибмондагӣ ва торикӣ бар мо мусаллат хоҳад шуд ва аз корвони тараққӣ ва пешрафт ақиб хоҳем монд, ба вижа дар мавриди занон чунин ҳадс мезананд, ки аз мақому манзалаташон коста хоҳад шуд. Ин дар ҳолест, ки воқеият бар хилофи онаст, зеро Ислом ягона зомини ҳуқуқи зан аст ва агар низоми исломӣ ҳоким шавад, занони мо нисбат ба мардон аз файзу баракати он бештар мустафид хоҳанд шуд.

Инак ба шакли мухтасар ва кӯтоҳ дар мавриди бархе аз масоили занон тавзеҳ медиҳем, то бингарем, ки оё тасаввурот ва пропагандаҳое, ки дар ин маврид пахш мешавад, воқеият дорад ва ё тарфандҳои беасос ва орӣ аз мисдоқият аст?

### 1. Истиқлоли шахсияти зан

Ислом нахустин низоме буд, ки занро ба ҳайси шахсияти мустақил ва ғайривобаста шинохт ва дар лобалои аҳкоми худ ба он эътироф кард ва барои амалӣ ва ба даст овардани ҳуқуқи зан мубориза намуд. Ислом садҳо сол қабл барои зан ҳаққи райъдиҳиро таслим намуд ва он дар асре буд, ки инсоният занро намояндаи шайтон талаққӣ менамуд ва аз шахсияти мустақили он шадидан инкор меварзид. Дар чунин асри торик барои нахустин бор Ислом шахсияти мустақили вайро собит сохт ва дар муомилаҳои иҷтимоӣ барояш ҳаққи раъй ва назар дод. Дар

низоми исломӣ ҳар зани болиғ монанди марди болиғ дар мавриди масоили иҷтимоӣ ҳаққи раъй ва назарро дорад.

**2. Мулкият ва мероси зан**

Ислом барои зан ҳаққи комили мулкият ва виросатро медиҳад. Зан ҳақ дорад, ки мулкияти ҷудогона дошта бошад ва онро ба кор андохта фоидакамоӣ намояд. Зан метавонад, ки агар вақти фориғ дошта бошад, худаш муомила кунад ва заҳмат бикашад ва аз ин роҳ барои худ мол камоӣ намояд. Шавҳар, падар ва бародар ҳеҷ гуна ҳаққ ва ихтиёр дар мулкияти вай надоранд.

**3. Таълими зан**

Ислом ба ҳайси низоми шомил ва ҳамаҷониба ҳамвора фаро гирифтани илмро болои ҳар фарди мусалмон, аъам аз мард ва ё зан фарз намудааст. Бар ҳамин асос ғалатфаҳмие, ки дар мавриди таълими занон дар Ислом вуҷуд дорад, онро дар ҳақиқат душманони Ислом эҷод намудаанд ва бо Ислом ва низоми исломӣ ҳеҷ гуна иртиботе надорад. Ислом барои зан ҳақ медиҳад, то дар чавкоти вазифаи иҷтимоии худ ҳар гуна илмро ҳосил кунад ва ба маротиби баланди илмӣ ноил шавад. Ягона шарте Ислом дар ин маврид мегузорад, ҳамоно илтизом ва пойбандӣ ба аҳком, ҳудуд ва муқаррароти исломист, ки ҳаргиз монеи таълим набуда ва дар ҳақиқат ҷилави даҳҳо фасоди иҷтимоиро мегирад.

## Зан дар тамаддуни исломӣ ва тамаддуни ғарбӣ

**Хоҳари азизам!**

Шумо бояд бидонед, ки Ислом занро ба ҳайси як зан иззат мебахшад ва аз ҳамин хотир барояш мақоми волоеро медиҳад. Фарқ дар байни тамаддуни исломӣ ва тамаддуни ғарбӣ ҳамин аст, ки Ғарб барои зан ҳеҷ гуна мақомеро намешиносад ва вайро мустаҳиқи ҳеҷ навъ ҳуқуқе намедонад, то он, ки вайро аз зан будан хориҷ насозад ва ба доираи мардон дохил нанамояд. Масъулиятҳо ва мукаллафиятҳои мардонро дар ҷомеа дӯш ба дӯши онҳо напазирад ва билохира бештарин мукаллафиятҳоро дар ҷомеа мутаҳаммил нашавад. Тамаддуни исломӣ барои зан ҳамаи ҳуқуқи вайро дар ҳолате барояш медиҳад, ки ба ҳайси як зан дар ҷомеа зиндагӣ намояд. Мукаллафиятҳои дигаронро болои вай намеафканад, танҳо вайро дар баробари мукаллафиятҳое масъул ва ҷавобдеҳ медонад, ки сиришту фитрати вай онро барояш супурдааст. Мусалмонон дар ин маврид тамаддуни худро ба маротиб аз тамаддуни ғарбӣ беҳтару бартар медонанд ва яқини росих доранд, ки мавқифи Ислом бар усулу асосоти дуруст ва маъқул устувор аст. Аз ин хотир омода нестанд, ки як ҳукми дуруст ва покизаи хешро тарк намуда ва дар бадали он хато ва палидии дигаронро бипазиранд.

Мухолифати мо бо ҷомеаи имрӯза ва тамаддуни ғарбие, ки дар он марду зан ба шакли мухталат зиндагӣ менамоянд, мабнӣ бар таъассуб ва тақлиди куркурона нест. Мо бо басирати комил мехоҳем, ки хештанро ва ҷамеа ва тамоми башариятро ба сӯи фалоҳ ва растагорӣ бикашонем ва ононро аз ҳалокату барбодӣ раҳоӣ бахшем. Мо танҳо бар асоси далоили ақлӣ ба ин натиҷа нарасидаем, балки таҷрибаҳои таърих низ мавқифи моро таъйид

менамоянд ва осореро, ки ин тамаддуни табоҳкун ва вайронгар барои ақвоми дигар ба армуғон овардааст, ба чашми сар мушоҳида мекунем ва онро бо ақлу басирати комил медонем. Аз ин ру ҳозир нестем, ки қавми худро ба чоҳи барбодӣ ва ҳалокат бияфканем, зеро ин ҳадафест, ки ғарбиҳо моро ба сӯи он мекашонанд. Онҳо ахлоқ ва арзишҳои ахлоқии худро бохтаанд ва акнун мехоҳанд, ки дигаронро низ дар пайи худ ба ин марази муҳлик дӯчор созанд.

Мо мехоҳем агар миллат ва сарзамини мо тараққӣ намояд, бояд, ки пешрафти он дар чавкот ва доираи арзишҳои ахлоқӣ ва аҳкоми волои исломӣ бошад, то мабодо ба хотири ба даст овардани тараққӣ ва тамаддуни моддӣ, сармояи қиматбаҳои хешро, ки ҳамоно аҳлоқ ва арзишҳои исломӣ ва дар натиҷаи он саодат ва  хушбахтии ухравист, аз даст биҳидем. Он сармояе, ки ба арзиши хуни миллионҳо инсон дар дасти мо маҳфуз мондааст ва душманон шабу рӯз дар садади рабудани он ҳастанд.

## Исломи комил ё...!!!

**Хоҳари азизам!**

Бар ҳамин асос шумо бояд файсала намоед, ки оё фарҳанг ва зиндагии ғарбиро мегузинед ё Исломро?

Шумо бояд аз ҷумлаи ин ду барнома танҳо як роҳро интихоб намоед, ҳақ надоред, ки ҳар дуро бо ҳам махлут ва омехта созед. Агар Исломро мегузинед, пас комилан ба он гардан ниҳед ва зинадагиатонро мутобиқи он аёр созед, зеро, ки Ислом ба таври бисёр возеҳ ҳукм менамояд ва мефармояд: “ يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا ادْخُلُوا فِي السِّلْمِ كَافَّةً”, “Эй касоне, ки имон овардаед, дар Ислом бар таври комил дохил шавед”. Ин оят мӯминонро амр менамояд, то дар Ислом ба таври комил дохил шаванд ва ҳеҷ бахше аз зиндагиашон бояд аз доираи Ислом хориҷ набошад. Зиндагие, ки нисфи он Ислом ва нисфи дигар куфр бошад, на дар дунё сӯд дорад ва на дар охират коромад аст. Ва ин гуна тарзи зиндагиро зиндагии исломӣ номидан фиреб ва дуруғи ошкор аст.

**Мусовоти (баробарӣ) зану мард**

Иддае мегӯянд, ки Ислом занро тобеи мард гардонидааст ва ҳеҷ гуна мақоми собит ва шахсияти мустақиле бар вай ато нанамудааст ва чунин мепиндоранд, ки (алаёзу биллоҳ) Ислом муртакиби ноисофӣ ва беадолатӣ шудааст.

Вале хоҳарони мо бояд бидонанд, ки баробарӣ ва ё мусовотеро, ки тамаддуни ғарбӣ шиор медиҳад ва фарёд мезанад, онро барои зан ба ҳайсияти як зан надодааст. Нахуст вайро нима мард сохта ва сипас барояш бахше аз ҳуқуқи мардонро ато намудааст. Онҳо мехоҳанд, ки зан бояд дӯш ба

дӯши мардон дар ҳамаи корҳо саҳим бошад ва онро анҷом диҳад, хоҳ ин кор бо сиришти вай созгор бошад ва ё на.

Ошкор аст, ки мард вазоиферо, ки зан анҷом медиҳад, ба сар расонда наметавонад ва ҳатто мард наметавонад дар корҳое, ки Худованд онро бар асоси хилқат ба зан супурдааст, андактарин ҳамкорӣ намояд. Корҳое монанди таваллуд ва тарбияи авлод дар туфулият ва амсоли он. Аз ин ҷиҳат маънои мусовот ва баробарие, ки тамаддуни ғарбӣ онро шиор медиҳад, инаст, ки зан бояд корҳои худро танҳо анҷом диҳад, зеро мард дар он ҳамкорӣ намуда наметавонад ва бар иловаи он бояд корҳои мардонро, ки Худованд онро фароизи мардон гардондааст, низ қабул кунад. Дар ин сурат зан се яки қисмати корҳоро дар ҷомеа бар дӯш мегирад ва мард танҳо як дар сади онро иҷро мекунад. Инаст ҳақиқати мусовот ва баробарӣ, ки Ғарб ба сӯи он даъват менамояд.

Ҳангоме, ки таърихи тамаддуни ғарбиро мутолиа менамоем, дармеёбем, ки нахуст онҳо занро ба номи мусовот фиреб доданд ва дар он ҳангом фарёд мезаданд, ки (Ladies first), яъне “нахуст занҳо”, вале акнун аввалияти занро аз назар афкандаанд ва зану мардро ба як тарозӯ вазн менамоянд, дар ҳоле, ки зан дар ҷомеаи ғарбӣ бештарин корҳоро анҷом медиҳад. Имрӯз дар байни як ҷомеаи исломӣ ва ғайри исломӣ муқоиса намоед, дархоҳед ёфт, ки зан дар ҷомеаи исломӣ аз ҳайсият ва мақоми волое бархурдор аст ва дар ҳангоми додани ҳуқуқ вайро муқаддам мешуморад. Агар зан дар навбате қарор дошта бошад ва ё дар издиҳоме интизор мекашад, дар ҳамаи ин суратҳо ҳаққи аввалият ба зан дода мешавад. Вале дар ҷомеаи ғарбӣ марду зан дар ҳеҷ мавриде бо ҳам тафовут надоранд ва зан дар ҳеҷ ҷое ҳаққи аввалият надорад. Бар иловаи он то имрӯз дар ҷомеаҳои ғарбӣ арсаҳои

кории марду зан то ҳадде мутафовит аст, зеро мард бар асоси хилқат ва сохтмони ҷисмиаш метавонад корҳои шоққа ва вазнинро анҷом диҳад, вале зан ҳар чанд бикӯшад, тавоноии онро надорад. Ҳамин акнун дар мамлакатҳои ғарбӣ бингаред, ки ҳатто дар иддае зиёде аз мансабҳои ҳукуматӣ, занро ба осонӣ тавзиф наменамоянд. Дар авохири қарни бистум дар Фаронса назарсанҷие сурат гирифт, ки оё зан метавонад уҳдаи вазоратро ба дӯш бигирад ва ё на? ва ба касрати оро файсал ба амал омад, ки бояд барои зан мақоми вазорат дода нашавад.

Ҳақиқат инаст, ки ҷомеаи ғарбӣ талош мекунад, то занро аз мақоме, ки Худованд бар асоси хилқату офариниш барояш додааст, хориҷ созад ва вайро ба мақоме бирасонад, ки аз лиҳози хилқат тавоноии анҷоми онро надорад. Ошкор аст, ки зан ба ҳар сурат ақиб хоҳад монд ва ҳаргиз мумкин нест мусовотеро, ки орзӯ доранд, ба миён ояд.

Ислом барои зан масъулиятҳо ва мукаллафиятҳоеро месупорад, ки бо фитрат  ва хилқати вай созгор бошад ва битавонад бар асоси систем ва сохтмони офариниши хеш аз ӯҳдаи он муваффақона бадар ояд ва сипас вайро дар тамоми ҳуқуқ комилан бо мард мусовӣ медонад ва ҳеҷ гуна фарқу тафовутеро дар он ба расмият намешиносад.

Аз ҳамин хотир як зани мусалмон бояд ҳамвора шукри Худовандро ба ҷой оварад ва ҳазорон сипосро ба даргоҳи вай тақдим намояд, ки вайро дар ҷомеаи исломӣ офаридааст ва аз иззат, ҳайсият ва мақоме бархурдор намудааст, ки бояд зани ғарбӣ ба он ғибта (ҳасад) бихурад.

Бираед ва бингаред, ки ҷомеаи ғарбӣ чӣ гуна аз зулму бедодгарии иҷтимоӣ бо забони хомуши худ нолон аст. Ҳолати занро дар Амрико мушоҳида намоед, занони Англистонро

бипурсед, ки дар чӣ гуна мусибатҳо ва ноҳанҷориҳое зиндагии худро ба сар мебаранд? Онҳо аз неъматҳое, ки шумо аз он баҳра мебаред, маҳруманд. Падар дар баробари духтар, бародар дар баробари хоҳар, писар дар баробари модар, ба ҳамин тартиб ҳамаи ақорибу хешовандон дар баробари занони фомили худ ҳеҷ навъ эҳсоси масъулиятро надоранд ва манзаре аз буз ба пои худ ва гусфанд ба пои худро тақдим менамоянд. Ҳангоме, ки духтар ба сини ҷавонӣ мерасад, аз як тараф паёмеро мешунавад, ки бирав барои худ камоӣ намо ва аз тарафи дигар ҳамчунин масъулияте вуҷуд надорад, ҳеҷ навъ рақобате ба назар намехурад, то бингарад, ки аз куҷо камоӣ менамояд? ва чӣ гуна зиндагии худро ба сар мерасонад?

Зан дар ҷомеаи ғарбӣ дар ҳолати бисёр асафбор ва риқатангез зиндагӣ мекунад, зеро, ки мафҳуми инсоният, хуб пушидан, хуб нушидан ва хуб хурдан нест, инсоният иборат аст аз робитаи муқаддасе дар байни банда ва Парвардигораш, робитае, ки пур аз муҳаббату дӯстӣ дар байни инсонҳо бошад ва ҳар фард дар қиболи афроди дигар эҳсоси масъулият намояд. Аз ин гуна инсоният дар ҷомеаи ғарбӣ дараке нест.

Дар ҷомеаи исломӣ падар то ҳангоме, ки духтараш арусӣ накарда бошад, дар баробари вай масъулият дорад ва баъд аз арӯсӣ масъулиятро ба шавҳар месупорад ва аз ҷониби дигар боз ҳам падар гушагирӣ наменамояд, балки то охирин рамақи ҳаёт масъулияти падаронаи хешро эҳсос менамояд. Бародар низ дар баробари хоҳари хеш эҳсоси масъулият мекунад ва писар хидматгузори модар мебошад. Ба ин гуна як зани мусалмон дар паҳлуи худ афроди зиёдеро меёбад, ки ҳар навъ таклифу машақатро бо вай мутаҳаммил мешаванд ва дар баробари вай эҳсоси масъулият менамоянд.

Ба таври умум шавҳари мусалмон, хонуми худро маликаи хона месозад, барои вай иззат мебахшад, ихтиёроти ому томи хонаро ба вай месупорад ва бидуни ин, ки зани бечора бо бадани бараҳна ва нимбараҳна барои мардон бирақсад ва зинати маҷлиси онҳо шавад ва иззату виқор ва иффати вайро дигарон ба яғмо бибаранд, зиндагии худро дар фазои итминон ва саодат мегузоранд.

**Ҳоҳари азизам!**

Агар ба ин гуна шарафу манзалат қонеъ нестӣ ва мехоҳӣ, ки натоиҷи ҷомеаи ғарбиро бингарӣ, худат ихтиёр дорӣ, вале бояд бидонӣ, ки агар дар он гудол афтодӣ ва ба он роҳ рафтӣ, ба лаҷансоре хоҳӣ афтод, ки ҷуз бо тавбаи насуҳ ва тасмими ҷиддӣ бар покии зоҳиру ботин умеди омурзиш вуҷуд нахоҳад дошт.

## Таъадуди азвоҷ (чандҳамсарӣ)

Яке аз шубҳаҳое, ки борҳо такрор мешавад ва матбуоти ғарбӣ онро василае барои танаффур аз Ислом гардонидааст, қазияи таъаддуди завҷот мебошад. Намедонем ононе, ки дар ҷомеаи исломӣ зист доранд ва ҳолоти онро аз наздик мушоҳида мекунанд, чаро талбиғот ва пропагандаи матбуоти ғарбиро замзама мекунанд? Оё наменигаранд, ки воқеан чӣ теъдод мардум бо бештар аз як зан издивоҷ намудаанд? Он теъдодашон бо ҳеҷ баробар нест?

Ононе, ки аз тамаддуни ғарбӣ мутаассир шудаанд ва бо таъадудди завҷот мухолифат меварзанд, бояд бидонанд, ки агар таъддудин завҷот (monogamy) дар ҷомеаҳои ғарбӣ аз лиҳози қонун мамнуъ аст, вале дар амал ҳатто як фоизи мардон низ ба як ҳамсар иктифо наварзидаанд, зеро, ки ба номи (girlfriend) онон метавонанд иддае зиёде аз занону духтаронро фиреб диҳанд ва дар қайди худ нигаҳ доранд. Аз ин рӯ агар аз лиҳози қонун чандҳамасарӣ мамну аст, вале аз лиҳози амал ҳамаи мардон чанд ҳамсар доранд. Акнун биёед ва бингаред, ки кадом роҳ беҳтар аст? Роҳе, ки иртиботи завҷиро қонуният мебахшад ва ҳуқуқу воҷиботи шавҳару ҳамсарро мушаххас месозад ва ё иртиботе, ки танҳо ба хотири хомӯш намудани ғароизи ҷинсӣ бошад ва ҳеҷ як аз ҷонибайн дар баробари якдигар эҳсоси масъулият нанамоянд.

**Хоҳари азизам!**

Динеро, ки пазируфтаӣ ва ба он муътақид ҳастӣ ягона низомест, ки зомини фалоҳу растагории инсон мебошад,

низомест, ки аз маъқулият бархурдор буда ва ба адлу инсоф ҳукм менамояд.

Оре! Ислом барои мард иҷозати онро медиҳад, ки бо чаҳор зан издивоҷ намояд, вале машрут ба онаст, ки дар байни ишон ба инсоф рафтор намояд ва адолатро риоят кунад, вар-на бояд ба як зан иктифо намояд. Дар ғайри он агар ба ҳамсараш хиёнат кунад, бо сахтарин муҷозот рӯбарӯ хоҳад шуд.

## Ҳиҷоби зан

**Хоҳари азизам!**

Ислом ба хотири ҳифзи иффату кароматитту ҳиҷобро лозим гардонидааст. Онон, ки мухолифи ҳиҷоб мебошанд, дар ҳақиқат барномаи дигаре доранд ва мехоҳанд хоҳарони моро ба сӯи он бикашонанд. Онҳо орзӯ доранд, ки ба ин ном хоҳарони моро мутобиқи нақшаҳое, ки кашидаанд, ҳаракат диҳанд. Онҳо дар мавриди равобит, ҳуқуқ ва мукаллафиятҳои зану мард ва билохира дар мавриди зиндагии иҷтимоӣ барномаи ҷудогонае доранд, ки мамонеати ҳиҷобро василае барои амалисозии он мепиндоранд. Биноан қабл аз он, ки ҳиҷобро мавриди баҳсу муноқиша қарор медиҳед, нахуст барномаи онҳоро баррасӣ намоед ва бингаред, ки оё воқеан зомини саодати шумо ҳаст ва ё роҳест ба сӯи ҳалокат ва барбодӣ?

Ҳангоме, ки Ислом занро ба пӯшидани ҳиҷоб мукаллаф месозад, аз каромату фазилати вай намекоҳад, балки мехоҳад ба вай виқору ҳайбат бибахшад, зеро каромату виқор онаст, ки барои зан ҳуқуқе дода шавад, ки мутобиқи сириштуту фитрати вай бошад ва ба умуре мукаллаф гардад, ки аз ӯҳдаи он муваффақона бадар ояд.

**Оё зан дар ҷомеа як унсури беҳуда аст???**

Бархе мегӯянд, ки Ислом бо вазъи зан як силсила муқаррароту қавонин, монанди ҳиҷоб ва ғайра, дар ҳақиқат нақши занро дар рушд ва такомули иқтисодии ҷомеа маҳдуд сохтааст ва намегузорад, ки ба ҳайси як унсури фаъол дар рушди иқтисодии ҷомеа саҳм бигирад. Вале суол инаст, ки оё рушду инкишоф танҳо мунҳасир ба пешрафт ва ихтирои васоил ва олот

аст ва ё вобаста ба парвариши дурусти атфол ва насли ҷадид мебошад? Кишваре, ки насли ҷадиди он бар кироя тарбия мешавад ва атфоли он аз оғози зиндагӣ шафқату муҳаббати падарӣ ва модариро намешиносад ва аз он маҳруманд, чӣ гуна метавон аз онҳо таваққуи фалоҳу растагории инсониятро дошт? Ҳангоме, ки як тифл чашми худро дар ин ҷаҳон мегушояд, падар бар сари вазифа буда ва модар низ ба хотири ба даст овардани пул ба корхона ва ё дафтар меравад ва авлодро ба аҷонибу бегона таҳвил медиҳад, аз ин гуна авлод чӣ умеде аз раҳму дилсӯзӣ дар вақти куҳулату пириашонро хоҳад дошт?

Ононе, ки аз шафқати падару модар маҳруманд, дар ҳақиқат инсониятро намешиносанд ва монанди як ҳайвони даранда зиндагии худро ба сар мебаранд. Ҳамин аст сири ҳазорон мусибат, қатл, ғорат, зулму ситаме, ки зиндагии инсониятро ба ваҳшат табдил намудааст, зеро зимоми умур ба дасти ононест, ки муҳаббати падару модарро надидаанд ва дар ҷое, ки дар қаробату риштаи насаб, муҳаббату улфат вуҷуд надошта бошад, чӣ гуна метавон муҳаббати инсониро интизор дошт?

Агар зан масъулияти тарбият ва парвариши насли ҷадидро бар дӯш бигирад, инсониятро барояш биёмузад ва талош намояд, ки худотарсӣ ва ахлоқ ва арзишҳои диниро дар онҳо рушд диҳад, ин кор дар ҳақиқат тараққӣ ва пешрафт номида мешавад. Пешрафт танҳо ин нест, ки зан монанди мард ба корхона биравад ва ё дар дафтар кор кунад. Вазифаи зан дар ҷомеа таълиму омӯзиши инсоният аст..

## Феҳристи мавзуот

**1: Муқаддимаи ношир..........................................................................4**
- Хоҳари мусламонам!..........................................................................4
- Хоҳарам..............................................................................................5
**2: Хоҳрам!................................................................................................6**
- Зиндаии хешро дар қолаби Ислом аёр намо!.........................9
- Ҷаҳолатро аз фомилат дӯр соз!....................................................9
- Қуръонро ба хонаат дохил намо!..............................................10
- Болои мардони хона асар бигзор!............................................12
- Аз рафтан ба роҳи нодуруст парҳез кун!................................13
- Дар пайравӣ аз Ислом бо хешовандон ҳамкор бош............14
- Тақозои вақт......................................................................................15
**3: Арзиши орои мардум дар низом..................................................17**
**4: Ислом ва ҳуқуқи зан..........................................................................18**
- Истиқлоли шахсияти зан................................................................18
- Мулкият ва мероси зан.....................................................................19
- Таълими зан........................................................................................19
**5: Зан дар тамаддуни исломӣ ва тамаддуни ғарбӣ........................20**
**6: Исломи комил ё..!!!..............................................................................22**
- Хоҳарам................................................................................................22
- Мусовоти марду зан..........................................................................22
- Хоҳари азизам.....................................................................................22
**7: Таъддуди азвоҷ....................................................................................27**
- Хоҳари азизам!....................................................................................27
**8: Ҳиҷоби зан...........................................................................................29**
- Хоҳари азизам!....................................................................................29
- Оё зан дар ҷомеа як унсури беҳудааст???.................................29
**9: Феҳристи мавзуот**.............................................................................31